Тавзеҳнома
ба лоиҳаи "Тартиб ва меъёрҳои тарҳи ҳиссаҷудокуниҳо
ба фондҳои захиравии суғуртавӣ"

Лоиҳаи "Тартиб ва меъёрҳои тарҳи ҳиссаҷудокуниҳо ба фондҳои захиравии суғуртавӣ" (минбаъд – Тартиб) дар асоси қисми 5 моддаи 27 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ" бо мақсади нигоҳ доштани низоми устувори молиявии соҳаи суғурта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳифзу ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии суғурташавандагон, шахсони суғурташуда ва фоидагирандагон таҳия гардидааст.

Тибқи талаботи қисми 5 моддаи 27 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ" ташаккулёбии захираҳои суғуртавӣ аз ҷониби ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғурткунӣ) бо тартиб ва меъёрҳои тарҳи ҳиссаҷудокуниҳо ба фондҳои захиравии суғуртавии муқаррарнамудаи мақоми назорати суғуртавӣ амалӣ мегардад.

Ҷиҳати ба роҳ мондани ташаккулдиҳии фондҳои захираҳои суғуртавӣ аз ҷониби ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғурткунӣ) ва дар ин замина саривақт амалишавии пардохту ҷубронҳои суғуртавӣ, инчунин мутобиқ гардонидани фаъолияти онҳо ба стандартҳои байналмилалӣ ва ба танзим даровардани андозбандии захираҳои суғуртавӣ Бонки миллии Тоҷикистон лоиҳаи Тартиби мазкурро бо мақсадҳои зерин таҳия намудааст:

- ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии суғурташавандагон, шахсони суғурташуда ва фоидагирандагон;
- беҳтар намудани боварӣ ва эътимоди аҳолӣ ба хизматрасониҳои суғуртавӣ;
- беҳтар намудани сифати хизматрасониҳои суғуртавӣ;
- коҳиш додани сатҳи хавфҳо;
- ташаккулдиҳии низоми самаранок ва устувори молиявии суғурта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- риояи меъёрҳои ҳиссаҷудокуниҳо ба фондҳои захиравии суғуртавӣ тавассути формулаҳои математикӣ;
- ба танзим даровардани андозбандии захираҳои суғуртавӣ;
- амалӣ намудани талаботи моддаи 27 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ".

Тибқи "Тартиби гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии хусусияти умумиҳатмидоштаи вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, дигар мақомоти давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ва лоиҳаҳои онҳо, арзёбии дохилиидоравии зиддикоррупсионии лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03 июни соли 2014, №355 тасдиқ шудааст, нисбати лоиҳаи мазкур арзёбии дохилиидоравии зиддикоррупсонӣ гузаронида шуда, дар он омилҳои бавуҷудоварандаи хусусияти коррупсионидошта мушоҳида нагардидааст.

Қабули лоиҳаи Тартиби мазкур маблағгузории иловагиро аз буҷети давлатӣ талаб намекунад ва қабули он дар давраи амалисозии ислоҳот дар низоми суғуртаи киштвар ба мақсад мувофиқ мебошад.

Муовини раис Назири Г.Н.